*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 88 (4671) | ШАНБЕ, 1 ИЮЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**29 - уми июни соли ҷорӣ дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он нахуст дар бораи «Барномаи сармоягузории бо таҷҳизоти муосиру каммасрафи барқӣ таъмин намудани пойгоҳҳои обкашии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» гузориши директори Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ Зафарбек Давлатзода шунида шуд.

Таъкид гардид, ки барнома барои амалигардонии ҳадафҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025» ва дигар санадҳои соҳавӣ оид ба азнавсозӣ ва барқарорсозии инфрасохтори обёрӣ, пешгирӣ намудани хавфи аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳои кишоварзии минтақаи обёрии мошинӣ, инчунин ҷорӣ намудани таҷҳизоти муосиру каммасрафи барқӣ барои сарфа кардани истифодаи неруи барқ тавассути пойгоҳҳои обкашӣ равона шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки барномаи мазкур тасдиқ гардида, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои амалишавии барнома ва ҷалби сармоя тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Сипас, аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2023» - ро баррасӣ карданд.

Дар маҷлис лоиҳаҳои як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» баррасӣ гардида, барои муҳокима ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шуданд.

Аъзои Ҳукумати кишвар панҷ пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ва «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро баррасӣ карда, барои муҳокима ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуданд.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», «Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон барои солҳои 2023-2027» ва «Натиҷаи баҳисобгирии давлатии масоҳати замин дар ҳудуди маъмурии шаҳри Нораки вилояти Хатлон то 1 январи соли 2022» низ баррасӣ шуданд.

Баъд аз баррасии масъалаҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои саривақтию босифати барномаҳо ва супоришҳои қаблии Ҳукумати кишвар дастурҳо доданд.

Супоришҳои дигар ба Ҳукумати кишвар ва сохторҳои давлатӣ оид ба омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024, тайёрии муассисаҳои таълимӣ ба соли нави хониш, пешгирӣ ва бартараф кардани оқибатҳои офатҳои табиии марбут ба селу обхезӣ, захираи кофии маҳсулоти кишоварзӣ, ҷамъоварии беталафи ҳосили дар саҳробуда, вусъати корҳои ободонию созандагӣ ба ифтихори ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ ва дигар тадбирҳои бунёдкорӣ дода шуд.

**www.president.tj**

## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ШАЙХ АҲМАД ФАҲД АЛ-АҲМАД АС-САБОҲ



**Сиюми июни соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муовини Сарвазир ва вазири мудофиаи Давлати Кувайт Шайх Аҳмад Фаҳд ал-Аҳмад ас-Сабоҳро ба ҳузур пазируфтанд.**

Зимни мулоқот ҷонибҳо вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҳар ду кишварро дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ баррасӣ намуданд.

Чуноне Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Ҷониби Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ба таҳкиму тавсеаи робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманд бо Кувайт аҳамияти пайваста зоҳир менамояд ва ин кишварро дар арсаи байналмилалӣ шарики муҳими худ медонад».

Ҷонибҳо аз раванди рушду тавсеаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ бо такя ба усулҳои эътимод ва ҳусни тафоҳум, фазои мусоиди ҳамкориҳо ва заминаи боэътимоди шартномавию ҳуқуқӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Дар зимн алоқамандии ҷониби Тоҷикистон барои тавсеаи доираи ҳамёрӣ бо Кувайт дар арсаи сиёсӣ, соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, башарӣ, амният ва дигар соҳаҳои мавриди манфиати тарафҳо мавриди таъкид қарор гирифта, ҳар ду кишвар ба рушду таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар таъмини амнияту субот таваҷҷуҳи хосса зоҳир карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳалли мусолиматомези масоили амниятӣ дар минтақа ва ҷаҳон ҷонибдорӣ намуда, нақши Кувайтро дар ин ҷода созанда хонд.

Зимни мулоқот дар робита ба масъалаҳои дигари мубрами ҷаҳони муосир, аз ҷумла вазъ дар Афғонистон, табодули афкор сурат гирифта, тавсеаи бештари ҳамкориҳои пурсамари ҳар ду кишвар дар доираи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, бахусус Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони ҳамкории исломӣ, ба мақсад мувофиқ дониста шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идомаи муколамаи сиёсиро дар сатҳи олӣ ва баланд дар роҳи дастрасӣ ба ин ҳадафҳо аз василаҳои муассир донист.

**www.president.tj**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## ДАР ИҶЛОСИЯИ ЧОРУМИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАЪВАТИ ШАШУМ 634 САНАДИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ МАВРИДИ БАРРАСӢ ҚАРОР ГИРИФТ

**Сиюми июни соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Муҳтарам вакилон!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 58 вакил ҳузур доранд.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд!**

Дар ҷаласа Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзнома як масъала пешниҳод шудааст. Доир ба он таклифҳои дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳиш мекунам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум бо фарогирии масъалаи зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**Оид ба гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум».**

*(Кори ҷаласаро муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ватанзода Маҳмадалӣ Маҳмадулло идома дод).*

**Маҳмадалӣ ВАТАНЗОДА:**



**- Вакилони муҳтарам!**

Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» шурӯъ менамоем.





Ҳоло аз рӯи масъала, бо камоли эҳтиром, сухан ба Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Маҳмадтоир Зокирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадтоир ЗОКИРЗОДА:**

**- Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Пеш аз ҳама, ба ифтихори Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ки чанд рӯз қабл дар саросари кишвар ҷашн гирифта шуд, ҳамаи шуморо самимона табрику шодбош гуфта, бароятон саодати рӯзгор, файзу баракат ва ба Тоҷикистони азиз сулҳу суботи ҷовидона орзумандам.

Иҷлосияи сипаришуда барои тамоми мардуми кишвар, аз ҷумла барои мо – вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли таърихӣ ва фаромӯшнашаванда ба шумор меравад, зеро дар ин сол 31-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ва 30-юмин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта шуд. Иҷлосияи тақдирсоз дар таърихи халқи тоҷик роҳу самтҳои инкишофи ояндаи иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷумҳуриро равшан намуда, тамоми рӯйдодҳо ва дастоварду комёбиҳои Тоҷикистони азиз аз ҳамон замон сарчашма гирифтааст.

Дар асоси моддаи 48-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор буда, муҳлати ваколати он 5 сол мебошад. Одатан дар давоми як даъват фаъолияти он бо баргузории 6 иҷлосия хулоса мешавад.

Бо амри замон ибтидои фаъолияти вакилони даъвати шашуми Маҷлиси намояндагон ба даврае рост омад, ки беморii сироятии коронавирус COVID-19 бо суръати том дар саросари ҷаҳон доман паҳн мекард ва ба фаъолияти муназзами тамоми сохторҳои давлатҳои олам ва иқтисодиёту иҷтимоиёти сартосарӣ таъсири манфию амиқ гузошта буд. Дар ҳамин гуна шароит, ба шарофати тадбирҳои фаврию амалии дар самти беҳдоштӣ ва пешгирии ин вабои аср андешидаи роҳбарияти Давлату Ҳукумати Тоҷикистон вакилони мо тавонистанд, новобаста аз маҳдудиятҳои мавҷуда, дар тӯли чор иҷлосия ба дастовардҳои назаррас ноил гарданд.

Дар ин давра, тибқи талаботи моддаи 57-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 маротиба ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, вобаста ба масъалаҳои мубрами рӯз қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Аз ҷумла дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди аз нав ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданашон маросими савгандёдкунии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, масъалаҳои тасдиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъину озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат, ироаи ҳамасолаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», инчунин ризоият ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон рӯи кор омаданд. Қобили зикр аст, ки масъалаи додани ризоият ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар таърихи фаъолияти мақоми олии қонунгузор ҳодисаи нахустин буд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ДАР ИҶЛОСИЯИ ЧОРУМИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАЪВАТИ ШАШУМ 634 САНАДИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ МАВРИДИ БАРРАСӢ ҚАРОР ГИРИФТ



**(Идома аз саҳ. 1)**

Хушбахтона, пас аз додани ризоият, афсарону сарбозони шуҷои Ватан таҳти роҳнамоиҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолати хизматию уҳдадориҳои ҳарбиро мардонавор ва бомуваффақият иҷро намуда, сарбаландона ба Ватан баргаштанд.

Қонунгузорӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар тӯли фаъолияти чор иҷлосияи гузашта 115 маҷлиси Шӯро ва 90 ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, дар доираи онҳо беш аз 2 ҳазору 492 санади меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар ин давра 386 қонун, аз ҷумла 58 қонуни мукаммал, 6 кодекс, 19 қонуни конститутсионӣ оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ, 185 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, 117 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба кодексҳо таҳия ва манзур карда шуда, аз он 293 қонун қабул гардидааст. Инчунин, беш аз 164 созишномаву протокол тасдиқ шуданд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки амалияи қонунҳои қабулгардида муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим дароварда, ба устувории сохтори қонунгузории кишвар замина фароҳам оварданд ва ба таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ такони ҷиддӣ бахшиданд.

Баргузор намудани муҳокимаҳои парламентӣ яке аз василаҳое мебошад, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд тавассути таҳлили мунтазами қонунгузорӣ, аз ҷумла мониторинги амалишавии санадҳои қонунгузорӣ ва барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ба пешрафти иқтисодиёти кишвар саҳми босазо гузоранд. Дар ин замина ҷараёни татбиқи қонунҳои соҳавиро таҳлилу баррасӣ намоянд. Дар ин раванд 16 маротиба муҳокима ва соатҳои парламентӣ баргузор гардида, беш аз 10 маротиба мизҳои мудаввар гузаронида шудааст, ки албатта, натиҷаи он ба рушду инкишофи фаъолияти вакилӣ мусоидат намуд.

Самти дигари фаъолияти мо - вакилони мардумӣ дар ҷодаи намояндагӣ вохӯрӣ бо интихобкунандагон ва расидагӣ ба мушкилоти онҳо мебошад. Дар ин давра вакилони Маҷлиси намояндагон 4 маротиба бо интихобкунандагон дар ҳавзаҳои интихобӣ вохӯриву мулоқотҳои судманд барпо намуданд, ки ҳадаф аз онҳо шарҳу тавзеҳи нуктаҳои асосии Паёми Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», инчунин баррасӣ ва бартараф намудани мушкилоти ҷойдоштаи сокинони мамлакат гардид.

Дар ин давра робитаҳои байнипарламентӣ бо кишварҳои ҳамҷавор тавассути гурӯҳҳои дӯстӣ ба ҳамкорӣ тақвият дода шуданд.

Ҳоло дар Маҷлиси намояндагон бо беш аз 78 давлати хориҷӣ гурӯҳҳои муштараки дӯстӣ таъсис дода шудааст, ки фаъолияти онҳо ба густариши равобити байнипарлумонӣ нақши босазо гузошта истодааст. Инчунин, дар ин давра вакилони Маҷлиси намояндагон бахши ҳамкориҳои байнипарламентиву хориҷиро дар баробари роҳҳои суннатии муносибатҳо тавассути баргузории алоқаҳои маҷозӣ - видеоконференсҳо ба суҳбату вохӯриҳо ба таври фосилавӣ роҳандозӣ намуданд, ки ин таҷриба то имрӯз идома дорад.

Умед аст, ки фаъолияти қонунгузорӣ дар давраи навбатӣ - Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон боз ҳам густариш хоҳад ёфт.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи муқаррароти моддаи 53-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми корӣ ва ҳамоҳангсози Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон мебошад ва пешрафти кори вакилон низ аз сатҳу сифати корбарӣ ва фаъолияти кормандони он вобастагӣ дорад.

Дар ин давра бо дастгирӣ ва ғамхориҳои бевоситаи Пешвои миллат вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ, ваколатҳо, ҳаҷм ва доираи фарогирии вазифаҳои сохтори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ба талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 – уми августи соли 2016 «Дар бораи тасдиқи Феҳристи мансабҳои давлатӣ» мутобиқ гардонида шуд. Ҳамчунин, бо мақсади мушаххас намудани вазифа ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ба Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон тағйироти куллӣ ворид шуда, мақоми аксарияти шуъбаҳои амалкунанда ба сатҳи раёсат баланд бардошта шуд, ки бешак, ба фаъолияти самараноку муназзами Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон мусоидат намуд.

Илова бар ин, дар Маҷлиси намояндагон як қатор корҳои ободониву сохтмонӣ, аз ҷумла таъмиру азнавсозии ошёнаи якуми даромадгоҳи асосӣ, роҳрави ошёнаи дуюм, толори баргузории ҷаласаҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагон, маҷлисгоҳи хурд ва толори вохӯрии як ба як, осорхона ва китобхона, роҳандозӣ гардиданд.

Инчунин, бо мақсади таъмини вазъи иҷтимоии вакилон ва кормандони Дастгоҳ, ошхона аз таъмири куллӣ бароварда, бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шуд, ки имрӯз дар он хизматрасонӣ бо нархи дастрасу сатҳи лозимӣ тибқи талаботи санитариву беҳдоштӣ ба роҳ монда шудааст.

Албатта, бо дастгириҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, минбаъд низ корҳои ободониву созандагӣ бомаром идома дода мешаванд.

**Вакилони гиромӣ!**

Тавре медонед, тибқи муқарраротиҚонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Раиси Маҷлиси намояндагон доир ба фаъолияти Маҷлиси намояндагон дар давраи иҷлосияи гузашта гузориш медиҳад.

Дар ин асос, ҳоло гузоришро вобаста ба фаъолияти Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум манзури шумо хоҳам кард.

Дар давраи ҳисоботӣ як маротиба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Паёми навбатии хешро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» манзур намуданд. Дар Паём рафти амалигардонии ҳадафҳои стратегии Давлату Ҳукумати Тоҷикистон возеҳу мушаххас баён гардида, вазъи геосиёсии минтақа ва ҷаҳон, буҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ, инчунин роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда махсус таъкид карда шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо такя ба фаъолияти мақоми олии қонунгузори кишвар иброз доштанд, ки рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар, тақозо менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии онро сари вақт ба босифат таъмин карда шаванд. Ин вазифа аз мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, пеш аз ҳама, аз парламенти кишвар талаб менамояд, ки фаъолиятро ҳамаҷониба тақвият бахшад.

Зимнан, таъкид шуд, ки вазифаҳои дар назди мо қарордошта тақозо менамоянд, ки фаъолияти Маҷлиси Олӣ барои қабули қонунҳои саривақтии мукаммал ва босифат боз ҳам тақвият дода шавад. Ин масъала дар навбати худ ҳамкории зичу доимии парламентро бо дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла бо субъектҳои дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ, талаб менамояд.

Яке аз муҳимтарин нуктаҳои дигаре, ки дар Паёми Пешвои миллат вобаста ба масъулияти мо таъкид гардида буд, омодагии ҳамаҷониба ба ҳиссагузорию мусоидат пайваста ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин росто, Сарвари давлат, ҳамчунин, дар назди масъулин ва сохторҳои дахлдор вазифа гузоштанд, ки ба ин раванд бо масъулияти том ва ҳисси баланди ватандӯстӣ муносибат карда, ба масъалаи бунёди иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳанг ва дигар муассисаҳои иҷтимоӣ, корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, махсусан ободу зебо гардонидани маҳали зист, хиёбонҳо, гулгашту майдонҳо ва дигар корҳои созандагӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Мутмаинем, ки сокинони ватандӯст ва бонангу номуси мамлакат дар пайи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат бо камоли масъулияти ифтихор ҷашни дарпешистодаи 35-солагии Истиқлолияти давлативро бо дастовардҳои беназир самарабахш истиқбол мегиранд.

Мо – вакилони мардумӣ низ дар навбати худ барои амалигардонии ҳамаи дастуру супоришҳо, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён ёфтаанд, тамоми неру ва малакаву таҷрибаи кориро равона хоҳем кард.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум фаъолиятро дар асоси волоияти қонун, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба роҳ монда, дар ин давра 28 маротиба ҷаласаи Шӯро ва 25 ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, ки дар кори он беш аз 634 санади меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар натиҷа, аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда 451 қарори Шӯро ва 183 қарори Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраргардида қабул гардид. Ба ҷаласаҳои Маҷлиси намояндагон 97 қонун, аз ҷумла 14 қонуни мукаммал, 3 кодекс, 1 қонуни конститутсионӣ оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонуни конститутсионӣ, 49 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, 30 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба кодексҳо, инчунин беш аз 38 созишномаву протокол ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манзур гардидаанд.

Дар умум, дар давраи иҷлосияи сипаришуда беш аз 48 қонун бо тартиби муқарраргардида қабул гардида, 47 лоиҳа дар баррасии кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, инчунин 8 лоиҳаи қонуни дигар барои ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллӣ ирсол ва дар муҳокима қарор дорад.

Дар ин давра аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳамбастагӣ бо узви Маҷлиси миллӣ (ба таври омехта) 17 лоиҳаи қонун таҳия ва пешниҳод шуда, вакилони Маҷлиси намояндагон дар пешниҳоди 48 лоиҳа иштирок карданд.

Қобили қайд аст, ки дар ин давра вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум қонунҳоеро қабул намуданд, ки дар таҷрибаи қонунгузории кишвар бори нахуст мебошанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз ҷумлаи чунин қонунҳо ба шумор меравад. Қонуни мазкур бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва танзими меъёрии ҳуқуқии фаъолият дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст. Маврид ба зикр аст, ки то қабули қонуни мазкур вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолият дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, муайян кардани мақоми ваколатдори давлатӣ дар ин соҳа, тақсимоти вазифаҳо дар байни мақомоти баамалбароварандаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва муайянсозандаи масъулияти онҳо санади қонунӣ қабул нашудааст.

Қонуни зикршуда аз 5 боб ва 21 модда иборат буда, дар он принсипҳои самтҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, муносибатҳои вобаста ба ташкили заминаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, таъмин ва танзими фаъолият дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон муайян гардидаанд.

Тавре огоҳед, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 – уми декабри соли 2019 чунин иброз намуда буданд: «Ҳадафи мо аз такмили қонунгузорӣ, ки ба дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ, махсусан, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, равона гардидааст, ҷорӣ намудани низоми дақиқи андозбандӣ, сода гардонидани расмиёти иҷозатдиҳиву иҷозатномадиҳӣ ва кам кардани шумораи онҳо, ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва роҳандозии чораҳои ҳавасмандгардонӣ мебошад».

Дар ин замина, ду ҳафта қабл Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» қабул карда шуд, ки минбаъд тамоми амал ва фаъолияти тавассути иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ амалишаванда, инчунин масъалаҳои алоқаманд бо додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ба фаъолият, амал ва мол дар доираи як қонуни мукаммал танзим мегарданд.

Инчунин, дар ин давра дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро танзим менамояд.

Бояд қайд намуд, ки муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ яке аз самтҳои мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, чунки он асоси муносибатҳои соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, истифодабарии замин, оид ба истифодаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғайраро дар бар мегирад. Ба ҳамин монанд, вакилони Маҷлиси намояндагон дар таҳия ва қабули як қатор қонунҳои дигари мукаммалу самарабахш ташаббус зоҳир намудаанд.

Қобили қайд аст, ки фаъолияти муназзами Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи корбарии Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон вобастагӣ дошта, фаъолияти Маҷлиси намояндагонро бо сохторҳои марбута ҳамоҳанг сохта, масъалаҳои ташкилию ҳуқуқӣ, коргузорӣ, иттилоотӣ ва моддию техникиро таъмин менамояд.

Дар ин давра зери роҳбарии роҳбарияти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон сардорони воҳидҳои сохтории он ва мушовирони кумитаву комиссияҳо ба фаъолияти қонунгузорӣ саҳми босазо гузоштанд. Дар маҷмӯъ, фаъолияти тамоми кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, аз ҷумла кормандони техникиву ҳайати хизматрасони он, назаррас арзёбӣ мегардад. Умед дорам, ки фаъолияти онҳо минбаъд низ бо рӯҳияи баланди ватандӯстиву меҳанпарастӣ идома хоҳад ёфт.

Албатта, новобаста аз комёбиҳои бадастомада, мо – вакилонро зарур аст, ки аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худ бештару самараноктар истифода намуда, тавассути омӯзиши таҷрибаи давлатҳои тараққикарда фаъолияти қонунэҷодкуниро рушд диҳем ва рафти қабули қонунҳоеро тақвият бахшем, ки дар ҳамаи соҳаҳо ҷавобгӯйи меъёрҳои ахлоқ ва адолату инсондӯстӣ бошанд.

Дар ин давра фаъолияти вакилони Маҷлиси намояндагон дар самти ташкил ва гузаронидани муҳокимаҳои парламентӣ назаррас буда, 8 маротиба муҳокима ва соатҳои парламентӣ, инчунин беш аз 5 маротиба мизҳои мудаввар баргузор шудаанд.

**Вакилони гиромӣ!**

Самти дигари фаъолияти мо – вакилони мардумӣ дар ҷодаи намояндагӣ вохӯрӣ бо интихобкунандагон ва расидагӣ ба мушкилоти онҳо мебошад. Дар ин давра вакилони Маҷлиси намояндагон бо интихобкунандагон дар ҳавзаҳои интихобӣ ду маротиба вохӯриву мулоқотҳои судманд барпо намуданд, ки ҳадаф аз онҳо:

- шарҳу тавзеҳи нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- пайгирии иҷрои дастуру супоришҳои дар сатҳи гуногун додаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаҳои муҳиму мубрами рӯз, аз ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ, вусъати корҳои саҳроӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишт, захираи дусолаи маҳсулоти хӯроквории ниёзи аввалия, сарфаю самаранок истифода бурдани неруи барқ ва пардохти саривақтии маблағи он,аз даст надодани ҳушёриву зиракии сиёсӣ дар замони пуртаҳаввули ҷаҳони муосир, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва равияҳои ифротӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ, татбиқи бемайлону риояи ҳамаҷонибаи талаботи қонунҳои миллии кишвар – қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин омодагию ҳиссагузориҳо барои дар сатҳи лозимӣ истиқбол намудани ҷашни дарпешистодаи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳоят, дар доираи ваколату салоҳиятҳо кумаку мусоидат кардан ба сокинони мамлакат дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва масъалаҳои онҳоро нигаронкунанда мебошанд. Албатта, чунин вохӯриву мулоқотҳо мунтазам идома дода мешаванд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 415 муроҷиати хаттӣ ворид гардидааст. Илова бар ин, дар рӯзҳои қабули шаҳрвандон, ки ҷараёни он тибқи ҷадвал роҳандозӣ гардидааст, беш аз 198 нафар шаҳрванд қабул шуданд. Муроҷиатҳои манзуршуда тибқи таъинот дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» мавриди омӯзиш ва баррасии ҳамаҷониба қарор гирифт.

Дар ин раванд, мо-вакилони мардумиро зарур аст, ки минбаъд ҳам ба интихобкунандагон ҳамеша дастрас бошем ва ҳангоми сафарҳои хизмативу корӣ дар маҳалҳо дар доираи ваколату салоҳиятҳоямон барои ҳалли мушкилоти шаҳрвандон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем. Танҳо бо чунин роҳ метавонем обрӯю эътиборамонро ҳамчун вакил ва боварию эътимоди интихобкунандагонро ба худ баланд бардорем.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Новобаста аз хатару таҳдидҳои пешгӯинашаванда дар ин давра Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба самти рушди устувори сиёсати хориҷӣ қадамҳои ҷиддӣ гузошта, дар ин замина, муносибатҳои байнипарламентии Маҷлиси намояндагон низ тақвият ёфтанд.

Дар давоми Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум роҳбарият ва вакилони Маҷлиси намояндагон барои иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ ба ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Алҷазоир, Қазоқистон, Озарбойҷон, Беларус, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Гурҷистон, Филлипин, Япония, Туркия, Ветнам, Австрия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Сингапур, Швейтсария, Олмон, Ҷумҳурии Арабии Миср ва Ҷумҳурии Халқии Хитой сафарҳои корӣ анҷом доданд. Дар ин замина, барои боз ҳам тақвият бахшидан ба сатҳи ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамҷавор ва созмонҳои байналмилалӣ вохӯриҳои сатҳи олӣ баргузор гардиданд.

Ҳамчунин, аз ҷониби Раиси Маҷлиси намояндагон бо як қатор меҳмонони олиқадр, роҳбарони гурӯҳҳои дӯстӣ ва дигар ашхоси давлатию сиёсии кишварҳои хориҷӣ, ки ба кишвари мо бо сафарҳои расмию корӣ ташриф оварданд, вохӯриву мулоқотҳо баргузор гардид. Аз ҷумла, мулоқоту дидорҳои судманди Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов, Амири Давлати Қатар Шайх Тамим Бин Ҳамад Оли Сонӣ ва бо Раиси Милли Меҷлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон Соғиба Али қизи Ғафорова дар шаҳри Душанбе доир гардиданд.

Зимни ин мулоқотҳо масъалаҳои муҳими мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, аз ҷумла тақвияти ҳамкориҳои байнипарлумонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Инчунин, дар ин давра, аз ҷониби Раиси Маҷлиси намояндагон, муовини якум ва муовинони Раиси Маҷлиси намояндагон, раисони кумитаву комиссияҳо ва вакилони Маҷлиси намояндагон бо як қатор сафирон ва намояндагони кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла бо сафирони Подшоҳии Арабистони Саудӣ, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Молдова, Корея, Озарбойҷон, Қазоқистон, Подшоҳии Шветсия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Давлати Фаластин ва Ҷумҳурии Португалия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Дафтари Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар намояндагони расмӣ суҳбату вохӯриҳо баргузор гардиданд.

Қобили зикр аст, ки иштирок дар чорабиниҳои аҳамияти минтақавию ҷаҳонидошта ба рушди бемайлони ҳамкориҳои бисёрҷанбаи байнипарламентӣ ва муаррифии парламентаризми тоҷик дар арсаи байналмилалӣ заминаи мусоид мебошад.

Моҳи октябри соли 2022 дар шаҳри Самарқанд ва моҳи апрели соли 2023 дар шаҳри Санкт-Петербург ҷаласаҳои Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва моҳи майи соли равон ҷаласаи сайёри Шӯрои Ассамблеяи Парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар шаҳри Минск баргузор гардид. Инчунин, 17-умин конфронси байналмилалии Иттиҳоди парлумонии Созмони ҳамкории исломӣ дар Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир ва нахустин Форуми байнипарлумонии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар мавзӯи «Таҳкими ҳамкории ҳамаҷонибаи стратегии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва нақши парлумонҳо дар ин раванд» дар шаҳри Туркистони Ҷумҳурии Қазоқистон доир гардид, ки дар кори онҳо ҳайати расмии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Ҳамчунин, моҳи майи соли ҷорӣ ҳайати расмии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷаласаи махсуси Милли Меҷлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон бахшида ба 100-солагии Пешвои умумимиллии халқи Озарбойҷон Ҳайдар Алиев дар шаҳри Боку иштирок намуданд. Дар кори ҷаласа номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тамоми мардуми бародари Озарбойҷон ироа гардид.

Дар ҳошияи сафарҳо бо раисони Маҷлиси миллии халқии Алҷазоир, Маҷлиси Шӯрои Исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Сенати Парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон ва Палатаи қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон вохӯриҳои расмӣ барпо гардиданд, ки албатта, ба таҳкими ҳамкориҳои байнипарлумонӣ мусоидат намуданд. Дар ин замина, мулоқоту сафарҳои муовини якум, муовинони Раиси Маҷлиси намояндагон ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар сатҳу доираҳои гуногун низ амалӣ гардиданд, ки асоси фаъолияти байнипарламентиву робитаҳои хориҷии Маҷлиси намояндагонро ташкил медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки дар ин давра вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар комиссияҳои доимии Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фаъолияти пурсамар анҷом дода, вазифаҳои раис ва муовини раиси комиссияҳоро ба уҳда доранд. Аз ҷумла, раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, оид ба иқтисод ва молия, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният дар ҷаласаҳои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баромаду суханронӣ намуда, дар таҳияи санадҳои аҳамияти байналмилаливу минтақавидошта саҳми босазо гузоштанд.

Дар маҷмӯъ, фаъолияти вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳамоиш ва рӯйдодҳои байнипарламентиву байналмилалӣ дар давраи ҷараёни Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум хеле назаррас буд, зеро вакилони пуртаҷриба бо маърӯзаву гузориш ва пешниҳодҳои хеш манфиати халқу давлатро ҳимоя намуда, мавқеи кишвар ва дастоварду пешравиҳои миллати куҳанбунёдро ба намояндагони воломақоми ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуданд.

**Вакилони гиромӣ, ҳозирини арҷманд!**

Ин буд гузориши мухтасар оид ба фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум, ки ба самъи шумо расонидам.

Тавре шумо – вакилони арҷманд медонед, тибқи муқаррароти Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Раиси Маҷлиси намояндагон дар баробари пешниҳоди ҳисобот вобаста ба лоиҳаи «Барномаи кори қонунгузорӣ барои Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» гузориш медиҳад.

Дар иҷлосияи сипаришуда «Барномаи кори қонунгузорӣ барои Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» низ бо қарори Маҷлиси намояндагон тасдиқ гардида, дар доираи он таҳияи 50 лоиҳаи қонун пешбинӣ гардида буд. Тибқи маълумот, то ҳоло 41 қонун таҳия ва манзур шуда, 3 лоиҳаи қонун, бинобар аз байн рафтани зарурат, хориҷ гардида ва пешниҳоди 6 лоиҳаи боқимонда дар «Барномаи кори қонунгузорӣ барои Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ба нақша гирифта шудааст.

Лоиҳаи «Барномаи кори қонунгузорӣ барои Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» таҳия гардида, нусхаи он манзури шумо гардонида шудааст.

Тибқи барномаи тарҳрезишуда, дар иҷлосияи навбатӣ қабули беш аз 40 қонуни гуногунсамт ба нақша гирифта шудааст, ки албатта, теъдоди мазкур ниҳоӣ намебошад ва ин барнома фаъолияти қонунэҷодкунии вакилонро маҳдуд намекунад. Амалӣ гардонидани барномаи мазкур аз ҳар яки шумо – вакилони гиромӣ, масъулияти баланд ва фаъолияти пурсамарро тақозо менамояд.

Умед дорам, ки қабули қонунҳои банақшагирифташуда ба таъмини сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ заминаҳои воқеӣ ва мусоидаткунанда фароҳам хоҳанд овард.

**Дӯстони азиз!**

Раванди бисёр мураккабу пурпечутоби ҷаҳонишавӣ ва таҳдиду хатарҳои торафт афзояндаи замони муосир моро ҳушдор медиҳанд, ки нисбат ба ҳар вақти дигар ҳушёр бошем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва давлати соҳибистиқлоламонро аз таъсири тазодҳои ҷаҳони имрӯза эмин нигоҳ дошта, ба хотири фардои ободу осудаи Ватан саъю талоши бештар намоем.

Албатта, дар ин ҳолат ҳамон миллате манфиатҳои худро ҳимоя карда метавонад, ки Сарвари оқилу доно ва Пешвои ватанпарвару дурнигар дошта бошад. Мо, хушбахтона, чунин Сарвари давлат ва Пешвои миллат дорем, ки тамоми ҳастиашонро дар роҳи ҳифзи истиқлолияти давлативу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи комилу пойдории сиёсӣ, сарҷамъии миллат, ваҳдати миллӣ ва пешрафту ободии Тоҷикистони азизу маҳбубамон бахшидааст.

Ба ҷо овардани ин рисолати бузурги давлатдорӣ, аз мо танҳо дар атрофи Сарвари давлат аз ҳарвақта дида зичтару устувортар сарҷамъ буданро тақозо менамояд.

Боварии комил дорам, ки дар ин амал вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҳамеша ҷонибдори сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боқӣ хоҳанд монд.

Дар интиҳои сухан ба ҳамаи шумо – вакилони арҷманд саодатмандии рӯзгор, сиҳату саломатии пойдор таманно намуда, дар зиндагии шахсию фаъолияти меҳнатиатон барои риоя ва таъмини волоияти қонун, ҳифзи арзишҳои миллию умумибашарӣ, амалӣ намудани сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барору комёбиҳои беназир орзумандам.

**Маҳмадалӣ ВАТАНЗОДА:**

**-** Вакилони гиромӣ, гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба охир расид. Лозим аст, ки оид ба он Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намоем.

Хоҳиш мекунам, нисбат ба лоиҳаи қарори мазкур мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*(Кори ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода идома дод).*

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Масъалае, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ шуд, баррасӣ гардид. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод доред? Нест.

Бо ҳамин ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро пӯшида эълон менамоям.

(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).

**РАИС: -** Ба ҳамаи шумо, вакилони муҳтарам ва ҳозирини гиромӣ, барои иштироки фаъолона миннатдорӣ баён мекунам.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# НАРХИ ОРДУ РАВҒАНИ РАСТАНӢ НИСБАТАН ПАСТ ШУД

**Даринг Раҳмон Ҷаҳон Афруз ҚУРБОНЗОДА, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми январи соли 2022 чунин иброз намуданд: «Вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза, бахусус ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё, моро водор месозад, ки барои таъмин намудани ҳадафи стратегиамон – ҳифзи амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем».**

21-уми июни соли 2023 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» барои аз пардохти боҷи гумрукӣ пурра озод намудани молу маҳсулоти ниёзи аввалия, ки аз ҷониби КВД «Оид ба истеҳсол, харид, захира ва фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалия дар шаҳри Душанбе» пешниҳод шуда буд, баррасӣ ва қабул гардид.

Қабл аз ҳама мехоҳам шахсан аз номи худам ва ҳамчун вакил аз номи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки намояндаи интихобкунандагон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошам, барои тадбирҳои доимии на танҳо дар сатҳи дастрас нигоҳ доштани нархи маҳсулоти озуқаворииии ниёзи аввалия балки ҳатто коҳиш додани нархҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи сипос иброз намоям.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2022 дар ҳамин давра нархи як халта орди 50 кг то 400 сомонӣ ва нархи 5 кг равғани растанӣ то 140 сомонӣ расида буд, ки имрӯз нархҳои ин маҳсулоти воридотӣ бесобиқа коҳиш ёфта, нархи як халта орди 50 кг 230 сомонӣ ва нархи 5 кг равғани растанӣ 70-75 сомониро ташкил дод, ки ин аз сиёсати муваффақонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон баъзе мушкилот дар соҳаи кишоварзӣ ҳанӯз ҳам боқӣ мондаанд. Бинобар ин, зарур мешуморам, ки барои рушди шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ бояд Иттифоқи «Тоҷикматлубот» бо вазоратҳои дахлдор, институтҳои илмӣ, аз ҷумла институтҳои иқтисодиёти хоҷагии қишлоқ, зироаткорӣ, хокшиносӣ, чорводорӣ, инчунин кооперативҳои ба монанди «Сароб» ва «Ситабр агро», корхонаҳои коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ, ба монанди «Шири Саодат», «Файзи Расул»-у дигар корхонаҳои коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқониву чорводорӣ ҳамкориро ба роҳ монда, маблағгузории Иттифоқи «Тоҷикматлубот» зиёд карда шавад. Ба ин васила, бо хоҷагиҳои кишоварзию чорводорӣ ба тариқи озмун ё ба истилоҳ «тендер» шартнома баста, мутобиқи нақшабандии ҳатмӣ як сол пеш фармоиши маҳсулот намуда, сари вақт маблағи кишоварзонро барои хариди маҳсулот пешпардохт намоянд.

Имрӯз мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми марти соли 2007 таҳти № 111 мақомоти давлатӣ ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ оид ба банақшагирии истеҳсоли маҳсулот ягон дахолат надоранд, вале Иттифоқи «Тоҷикматлубот» метавонад фармоишро тариқи озмун эълон намояд ва хоҷагиҳои деҳқоние, ки дар озмун ғолиб мегарданд, маҳсулоташонро як сол пешакӣ ба Иттифоқи «Тоҷикматлубот» фурӯшанд.

Ҳамзамон Иттифоқи «Тоҷикматлубот» бояд дар ҳама гӯшаю канори ҷумҳурӣ гӯшаҳои маҳсулоти кишоварзӣ таъсис дода, бо ин роҳ ба яке аз ҳадафҳои стратегии давлатамон – таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат намояд.

## Ифтихор аз ибтикор

**Дар асри XX олимони соҳаи астрономия пешгӯӣ намуда буданд, ки садаи XXI-ро равандҳои тағйирёбии иқлим фаро мегирад. Бо гузашти беш аз сад сол пешгӯии коршиносони соҳа дуруст баромад. Агар имрӯз хушксолӣ ва норасоии оби ошомиданию маҳсулоти озуқаворӣ як қисми давлатҳои оламро дучори мушкилӣ намуда бошад, давлатҳои дигар аз пайваста рӯй додани ҳодисаҳои табиӣ ва обшавии пиряххо азият мекашанд.**

Ҳар сол талабот ба оби ошомиданӣ дар кураи Замин то 64 млн. метри мукааб меафзояд. Масалан, агар солҳои 1950 - 2016 аҳолии Замин се маротиба зиёд шуда бошад, дар ин давра талабот ба оби ошомиданӣ 17 маротиба афзуд. Дар асоси пешгӯиҳои коршиносон, соли 2025 қариб 50 дарсад ва дар соли 2050 қариб 75 дарсади аҳолии Замин бо норасоии оби ошомиданӣ мувоҷеҳ мешаванд.

# ТАШАББУСҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ТАШАККУЛДИҲАНДАИ СИЁСАТИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҶАҲОН

Дар аксар кишварҳои қораи Африқо сокинон 5 соати як рӯзро дар ҷустуҷӯи оби нӯшокӣ сарф мекунанд. Ҳамасола дар ҷаҳон то 5 миллион одам аз норасоии оби ошомиданӣ ба ҳалокат мерасанд.

Олимони Донишкадаи тадқиқотии уқёнуси Ором исбот намудаанд, ки дар бист соли оянда 34 миллион сокини сайёраи Замин дар пайи мушкилии норасоии оби ошомиданӣ ҷони худро аз даст медиҳанд.

Ба назари мутахассисон норасоии об, аз ҷумла дар мамлакатҳои осебпазир, боис ба хурӯҷи бемориҳо гардида, бар асари он давоми ҳар 8 сония як кӯдак бо марг рӯ ба рӯ шуда истодааст.

Агар дар таркиби бадани кӯдак аз таваллуд то яксолагӣ 80-85 дарсад об бошад, ин шумора то ба 18-солагӣ расидани шахс 65-70 дарсад ва дар пиронсолӣ то ба 25 дарсад мерасад. Бинобар ин, лозим аст, ки барои таъмин кардани организми хеш бо оби босифат ва бо миқдори лозима мубодилашавии оби сифатнокро баробар нигоҳ дорем. Бояд гуфт, ки ҳаёти инсон аз сифатнокии об вобастагии калон дорад, чунки он барои организми инсон пас аз кислород моддаи дуюм ба шумор меравад.

Олимон исбот намудаанд, ки барои фаъолияти муътадили организми инсон дар як шабонарӯз 20-25 литр оби нӯшокӣ лозим аст.

Вобаста ба ин масъалаи мубрами байналмилалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2010 зимни суханронӣ аз минбари Созмони Милали Муттаҳид иброз намуданд: «Вақте ки бо сабаби нарасидани оби тозаи нӯшокӣ аз панҷ як ҳиссаи аҳолии сайёра азият мекашанд, мо мардуми Осиёи Марказӣ наметавонем мавқеи бетарафиро ихтиёр кунем».

Бо назардошти муҳимияти масъала ва идомаи тадбирандешиҳо дар ин самт 21-уми декабри соли 2016 Маҷмаи умумии СММ Қатъномаи A/RES/71/222-ро зери унвони «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо иттифоқи оро ва бо ҳаммуаллифии 177 кишвари узви СММ қабул намуд. Тавре маълум аст, эълони «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бори аввал аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми 7-уми ҷаҳонии об дар Ҷумҳурии Корея пешниҳод гардида буд.

Аз нигоҳи коршиноси масоили экологӣ Ҳасан Асоев, рушди устувор рушдест, ки се омилро дар бар мегирад: иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ. Ба андешаи номбурда, ҳамон вақт ба рушди устувор ноил гашта метавонем, ки ин се омил тавъам бошанд. Маҳз, қатъномаи чорум, яъне «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ба ташаккули афкори аҳли ҷаҳон дар рушди иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон саҳм гузошта истодааст.

- Агар ба муҳтавои қатъномаҳои қабулшуда дар масъалаи об, ки бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби СММ қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд, аз лиҳози илмӣ назар намоем, паҳлуҳои гуногун доранд. Агар аз як тараф, онҳо ба ташаккул додани сиёсати маърифати экологӣ дар арсаи ҷаҳон равона гардида бошанд, аз ҷониби дигар, масоили дипломатияи об, об ва ҳаёт ва дастрас шудан ба рушди устувор маҳаки асосии барномаҳои мазкурро ташкил медиҳад. Дар асоси қатъномаҳои қабулшуда, мо тавонистем сиёсати экологии Тоҷикистонро дар сатҳи байналмилалӣ роҳандозӣ намоем,- афзуд ҳамсуҳбатам.

Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи захираҳои об дар Осиёи Марказӣ пешсаф мебошад. Захираҳои обии Тоҷикистон асосан дар пиряххо ҷойгир шудаанд. Миқдори пиряххои Тоҷикистон тақрибан 14 500 ададро ташкил намуда, масоҳати умумии яххо 11146 километри мураббаъ мебошанд. Захираи умумии ях тақрибан ба 845 километри мукааб баробар аст, ки миқдори оби онҳо аз ҳаҷми яксолаи обҳои дарёҳои Тоҷикистон 13 маротиба зиёд аст. Дар ҳудуди Тоҷикистон 947 дарё мавҷуд аст, ки дарозии умумии онҳо 28500 километрро ташкил медиҳад. Аз ин дарёҳо зиёда аз 80 дарсади оби Амударё сарчашма мегирад, ки он ба 55,4 дарсади оби ба баҳри Арал воридмешуда баробар аст. Дар Тоҷикистон тақрибан 1300 кӯл бо масоҳати умумии 705 километри мураббаъ ҷойгир шудаанд, ки захираи обии онҳо 46,3 километри мукаабро ташкил медиҳад. Инчунин, нуҳ обанбор мавриди истифода қарор дорад, ки ҳаҷми пурраи онҳо ба 15,344 километри мукааб баробар аст. Ҳаҷми фоиданокии онҳо 7,63 километри мукаабро ташкил медиҳад.

Дигар масъалае, ки имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, босуръат об шудани пиряххо мебошад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳалли ин мушкилот худро бетараф гузошта наметавонад.

Вобаста ба масъалаи мазкур 7-уми ноябри соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27), ки дар Ҷумҳурии Арабии Миср баргузор гардид, суханронӣ намуда, бори дигар нигаронии хешро аз тағйирёбии иқлим дар кураи Замин иброз доштанд. Роҳбари давлат таъкид намуданд, ки захираҳои об зери таъсири ҷиддии тағйирёбии иқлим қарор доранд ва намунаи возеҳи ин падидаро мо дар обшавии босуръати пиряххо дар сатҳи глобалӣ, аз ҷумла пиряххои Тоҷикистон, ки то 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказиро ташкил медиҳанд, мушоҳида менамоем.

Зимни суханронии хеш дар ин конфронси сатҳи баланд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нигаронӣ карданд, ки тайи чанд даҳсолаи охир ҳазор пиряхи Тоҷикистон пурра аз байн рафтааст.

Бо назардошти арзиши байналмилалӣ доштани масъала дар идомаи суханронии худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон карда шавад.

Ба андешаи коршиноси соҳа Ҳасан Асоев, ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соли 2025-ро «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон намудан, агар аз як тараф, ба ташаккули сиёсати экологии ҳифзи пиряххо дар сатҳи байналмилалӣ равона гардида бошад, аз ҷониби дигар, аз лиҳози илмӣ омӯзиши пиряххои Тоҷикистон аст.

Лозим ба ёдоварист, ки бо мақсади мониторинги равандҳо ва андешидану татбиқ намудани тадбирҳои мутобиқшавӣ ба омилҳои тағйирёбии иқлим чанд сол қабл дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Маркази омӯзиши пиряххо таъсис дода шуд.

Дар 31 соли соҳибистиқлолӣ 25 қонун ва даҳҳо санади меъёрӣ қабул гардиданд, ки онҳо ба ташаккули маърифати экологии аҳолӣ ва аз нигоҳи илмӣ рушд додани соҳаи экология мусоидат намуда истодаанд.

Инчунин, дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беш аз 10 конвенсияи байналмилалӣ вобаста ба ҳифзи муҳити зист шомил шуд. Дар ин замина, бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сатҳи фарҳанги экологии шаҳрвандон, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул шуд.

Муҳтавои барномаҳои дар ин самт қабулшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки маърифати экологӣ боиси шукуфоии табиат ва судманд гаштани таъсири инсон ба муҳити зист мегардад.

Бояд гуфт, ки дар самти омӯзиши фанни экология низ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии кишвар низ дар даврони истиқлолият корҳои назаррас ба сомон расидаанд. Махсусан, агар қаблан омӯзиши фанни экология танҳо барои фанҳои табиатшиносӣ ба роҳ монда шуда буд, имрӯз фанни мазкур дар тамоми зинаҳои таҳсилот таълим дода мешавад. Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ ва ғамхории шаҳрвандон нисбат ба табиат 14-уми апрели соли 2021 дар Тоҷикистон телевизиони «Илм ва табиат» ба фаъолият шурӯъ намуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарғибгари маърифати экологии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба шумор мераванд. Маҳз, ба туфайли қатъномаҳои қабулнамудаи СММ вобаста ба масоили об Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд ҳамчун Роҳбари кишвари ташаббускор таваҷҷуҳи аҳли сайёраро ҷалб намоянд.

**Хусрав ШОСАИДЗОДА, рӯзноманигор**

**Таърихи беш аз 31-солаи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеаҳоеро аз сар гузаронд, ки аз саҳифаҳои таърих ҳеҷ гоҳ сутуда намешаванд. Воқеае, ки бо хати сиёҳ навишта шуданд, ҷанги шаҳрвандӣ мебошад, ки дар ноҳияи Коммунистӣ (ҳоло Кӯшониён) оғоз гашта, қариб дар тамоми хоки азизи кишвар паҳн гашт. Пеши роҳи низоъ ва бесарусомониҳоро ягон қувва гирифта натавонист. Қонун ҳукмашро гум кард. Тамоми шохаҳои давлат, минҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи ҷамъиятӣ, фалаҷ шуданд. Меъёрҳои конститутсионӣ, дигар қонунҳои амалкунанда поймол гардида, ҷинояткорию зӯроварӣ ва қонуншиканӣ ба рафтори муқаррарӣ табдил ёфт.**

# ВАҲДАТ ФАСЛРО БА ВАСЛ ВА МАМОТРО БА ҲАЁТ ТАБДИЛ ДОД

Барои барқарор кардани хисороти ҷанг миллионҳо сомонӣ сарф шуд. Дар сарчашмаи селоби ҷанги шаҳрвандӣ, яъне дар ҳамон ноҳияи Коммунистӣ, аз 45 деҳа 32-тоаш пурра аз байн рафта, зиёда аз 6400 хона ба коми оташ андохта шуд. Китобхонаҳо, клубу мағозаҳо, кӯдакистону хонаҳои хизмати маишӣ, мактабу бунгоҳҳои тиббӣ осеби зиёд диданд. Умуман, дар ноҳияҳои ҷануби мамлакат 17000 хона хароб гардида буд.

Осоишу оромиши халқи кишвар баъди қабули Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон муяссар гардид. Ин ҳуҷҷат омили асосии наҷоти миллат ва давлат гардида, аз ҷониби сиёсатмадорону коршиносон шоҳкории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эътироф шуд. Созишнома дар таърихи навини халқи тоҷик аз он сабаб сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад, ки он оташи муноқишаҳоро хомӯш кард ва ба чашми мардум нуру ба дилҳо сурур бахшид. Он вақт шоҳид будем, ки Президенти мамлакат баъд аз имзои созишнома бо рӯҳияи болида аз шаҳри Москваи Федератсияи Россия ба Ватан баргаштанд. Модарон Сардори давлатро бо гулу гулдастаҳо ва оғӯши пур аз меҳру садоқат истиқбол гирифтанд.

Бегуфтугӯ, дар саргаҳи хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарор намудани сулҳу осоиш Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд.

Сулҳу ваҳдат, ки ормони деринаи халқи мо ва мақсаду мароми Сарвари хирадмандамон буд, дар як фосилаи кӯтоҳ мавриди пазироии тамоми қишрҳои ҷомеа қарор гирифта, ба унвони Рӯзи ваҳдати миллӣ ҷойгоҳи бениҳоят баланд дорад.

Пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон устувор гардида, мардуми кишвар ба ояндаи неку дурахшон боварии бештар ҳосил намуданд. Илова ба ин, санади мавриди назар, барои пешравии истеҳсолот, илму фарҳанг, таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат ва мукаммал шудани заминаи қонунгузорӣ мусоидат намуд.

Сарвари оқилу доно муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сокинони кишварро дар атрофи ғояҳои баланди сулҳу ваҳдат муттаҳид карда, наҷоти давлат ва миллатро таъмин намуда, қувваю дониш ва иродаю имконияти хешро барои таъмини ваҳдати миллӣ, сулҳи саросарӣ, ба Ватан баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ равона сохтанд.

Тарҳрезӣ шудани таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон, ки асосгузораш Пешвои миллат мебошанд, дастоварди муҳими таърихи муосири тоҷик арзёбӣ мегардад.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон барои дастовардҳои минбаъдаи мардуми Тоҷикистон дар самти мусолиҳаи миллӣ, гуногунандешӣ, ташаккули ислоҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ иқтисодӣ, равандҳои демократӣ ва тақвияти институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ заминаи мусоид фароҳам оварда, нафрату адоватро ба дӯстию меҳрубонӣ, харобиро ба ободӣ, фаслро ба васл ва мамотро ба ҳаёт табдил дод.

Ваҳдат ба тамоми маънӣ, аз он ҷумла аз нигоҳи сиёсӣ, барои бани башар дар кадом шакли давлатдорие набошад, арзишманд буда, ҳамин тавр бо арзишҳои волояш боқӣ хоҳад монд.

**Шодӣ НАЗАРЗОДА, судяи Суди ноҳияи Файзобод**

# ПАРДОХТИ ҒАЙРИНАҚДӢ ТАВСЕА МЕЁБАД

**Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 1-уми августи соли равон пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ (минбаъд - хизматрасониҳои музднок) тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Мувофиқи он Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ бояд инфрасохтори заруриро барои қабули пардохтҳои ғайринақдии худ то 1-уми августи соли 2023 таҳия, ташкил ва таъмин намоянд.**




Мудири филиали №16-и КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ноҳияи Файзобод Баҳодур Юнусӣ оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тавсеаи пардохти ғайринақдӣ чунин гуфт:

- Филиали №16-и КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ноҳияи Файзобод дорои ҳафт маркази хизматрасонӣ мебошад. Маркази хизматрасонии №114 дар Ҷамоати шаҳраки Файзобод, №144 дар деҳоти «Меҳробод», №145 дар деҳоти «30-солагии Истиқлол», №146 дар деҳоти «Вашгирд», №147 дар деҳоти «Қалъаи Дашт», №149 дар деҳоти «Бӯстон» ва № 150 дар деҳоти ба номи Дӯстмурод Алиев фаъолияти густурда доранд. Миёни аҳолӣ моҳияти пардохти ғайринақдиро ташвиқ кардем, ки он натиҷаи дилхоҳ ба бор овард.




Тайи чанд соли охир бо дастгирии роҳбарияти КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» мушкилоти ҷойдошта дар самти хизматрасонии бонкӣ бартараф гардид. Ҳоло дар ноҳия зиёда аз 17 ҳазору 300 кас соҳиби кортҳои пардохтӣ буда, аз ин теъдод 7 ҳазору 125 нафарашон нафақахӯрон мебошанд. Барои сари вақт дастрас намудани маош ва нафақапулиҳо дар марказҳои савдо, дорухонаҳо, беморхона ва марказҳои саломатии маркази ноҳия ва деҳоти он 45 POS-терминал ва 10 QR рамзҳои «Амонатбонк» насб шуда, 330 намуди пардохтҳои давлатиро қабул мекунанд. Инчунин, 107 ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии ноҳияи Файзобод бо барномаи «Интернетбонкинг» пайваст гардида, дар маҷмӯъ, беш аз 50 фоизи аҳолии ноҳия бо кортҳои пардохтӣ таъминанд.

Роҳбарият ва кормандони Филиали №16-и КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ноҳияи Файзобод кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки то 1-уми августи соли равон тибқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатиро ғайринақдӣ ба роҳ монанд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии таҳти №5014-и гумшуда, ки онро КФБТ (ҳоло КДФ «БММҒ) – и шаҳри Душанбе 16-уми сентябри соли 2014 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Ҳосилот, хонаи 180 ба Бобоалиев Хуршед Алимардонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А 01342986-и гумшуда, ки онро ШВКД дар шаҳри Ҳисор 6-уми июни соли 2018 ба Бабаханов Собирджон Саидмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А 01530234-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 20-уми сентябри соли 2018 ба Рузиева Малика Икромовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи васиятномаи силсилаи ДШ № 1454475-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 14-уми январи соли 2023 таҳти феҳрасти 11-98 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Раҳмон Набиев, аз 1/3 ҳиссаи хонаи истиқоматии №183 ба Каримов Насимҷон Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши қисми манзара (мансард) таҳти феҳрасти 3Ш-1038-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 4-уми июни соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Яккатут, қисми манзара (мансард)-и хонаи 233 ба Одиева Рухсорамо Рамазоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Ёвон дар асоси қарори раиси Ҷамоати деҳоти «Ситораи сурх»-и ноҳияи Ёвон аз 10-уми июли соли 2007, №72 ба сокини деҳаи Фирдавсӣ Қодирова Дилором додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Ёвон дар асоси қарори раиси Ҷамоати деҳоти «Ситораи сурх»-и ноҳияи Ёвон аз 10-уми июли соли 2007, №72 ба сокини деҳаи Фирдавсӣ Қодиров Додарҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии А 02027614-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 21-уми июни соли 2019 ба Каримова Шарофатхон Қурбоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқии гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба ҶДММ «Нишони Тоҷик» (РЯМ 0210015896, РМА 020038523) додааст, эътибор надоранд.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Абдулхаев Али Мухаммадович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Бободжони Джумахон додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Джуразода Фирдавси Мукимджон додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Муртазокулов Баховуддин Ахлиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Наджмудинов Назридин Замонадинович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Пиров Манучехр Акбарович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Файзиддинова Шафоатхон Давлатмуродовна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Хабибзода Мухаммадумар Фозил додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Халифаев Навшод Шамсидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Хасанов Исломджон Фуркатович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Хурамов Равшан Махмудович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Хусенов Джамшед Наимбоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2019 ба Махмудов Мухаммаджон Илхомджонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома бо шартҳои махсус барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба Насимзода Рабонӣ Рустам (РМА 196186568, РЯМ 0230101924) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Аламов Аминҷон Илҳомович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи БП № 973832-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47 –и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло №111-и ноҳияи Сино) соли 1983 ба Саидмуродова Шарифгул додааст, эътибор надорад.

✓ Билети ҳарбии силсилаи ЧТ № 748082-и гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Тоҷикобод соли 2016 ба Ҷамолов Хайриддин Абдусамадович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 0956901-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Саидзода Фарҳод Шодӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО № 0024596-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ соли 2007 бо қайди 1525 ба Гадоева Майсара Ҷурахоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Назаров Умедҷон Асатуллоевич (РМА 025621672, РЯМ 0230066174) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҷуброни бартарафсозии хонаи истиқоматии силсилаи ДШ № 1466478 таҳти феҳристи 2/4 Н /2023 -1-206-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 4-уми апрели соли 2023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Меҳнат, ҳавлии №25 «А» ба Исмоилов Тағоймурод ва ҶДММ «Глобал групп» додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО № 0090505-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон соли 2006 ба Каримова Дилноза додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Алимова Ситора Саидмуродовна (РМА 045830509, РЯМ 0430105033) додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Кооперативи тиҷоратии «Кишоварз 09» (РЯМ 2010007496), воқеъ дар ноҳияи Фархор, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 416344 | Муассисаи давлатии «Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» | Масолеҳи сохтмонӣ ва сантехникӣ, қолин, рахтҳои хоб, дар ва тиреза | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 03.07.2023 10:00:00 |
| 2 | 416348 | Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ | Молҳои электрикӣ ва сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 05.07.2023 11:35:00 |
| 3 | 416340 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Хизматрасонии машваратии аудит барои пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии ҷамъият барои соли 2022 дар мутобиқат ба СБҲМ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 13.07.2023 15:40:00 |
| 4 | 416341 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои Фароғатгоҳи беруназшаҳрии «Зимчуруд» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.07.2023 08:30:00 |
| 5 | 416342 | Муассисаи таълимии «Гимназияи тоҷикӣ - русии ба номи А. С. Пушкин» | Таъмири ҷории сифхонаҳои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.07.2023 09:00:00 |
| 6 | 416345 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.07.2023 10:00:00 |
| 7 | 416343 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Картриҷ, дастгоҳи факсималӣ, дискҳои компютерӣ, таъминоти барқи бефосила ва ҷузъҳои компютерӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 14.07.2023 10:30:00 |
| 8 | 416346 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №11 «Уқобак»-и шаҳраки Консойи шаҳри Гулистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 14.07.2023 10:35:00 |
| 9 | 416347 | Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд | Аквариум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.07.2023 11:17:17 |
| 10 | 416349 | Муассисаи давлатии «Қасри теннис» ва «Маҷмааи варзиши обӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Мизи теннисӣ ва қолини резинӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 14.07.2023 11:50:57 |
| 11 | 416350 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи К. Ахмедов» | Насби системаи назорати видеоӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.07.2023 14:15:00 |
| 12 | 416351 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 14.07.2023 14:51:00 |
| 13 | 416339 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Рафҳои бойгонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 20.07.2023 15:00:49 |
| 14 | 416389 | Беморхонаи ноҳиявии №4-и Ҷамоати деҳоти Унҷии ноҳияи Б. Ғафуров | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 53 | 17.07.2023 15:23:23 |
| 15 | 416388 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Трансформатор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 17.07.2023 15:30:00 |
| 16 | 416396 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хоруғ | Реактив ва масолеҳи масрафӣ барои тадқиқоти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 17.07.2023 15:30:00 |
| 17 | 416397 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и минтақаи Сағирдашт | Маҳсулоти нефтӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 17.07.2023 16:00:00 |
| 18 | 416391 | Раёсати тандурустии вилояти Суғд | Таҷҳизот ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 57 | 17.07.2023 16:41:41 |
| 19 | 416398 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хоруғ | Реактив ва масолеҳи масрафӣ барои тадқиқоти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 17.07.2023 17:00:00 |
| 20 | 416392 | Мактаб - интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявии ба номи Миратулло Атоев | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 17.07.2023 17:20:00 |
| 21 | 416394 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Трансформатор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 17.07.2023 18:00:00 |
| 22 | 416395 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 17.07.2023 18:00:00 |
| 23 | 416399 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Инвентар ва масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 47 | 17.07.2023 18:55:55 |
| 24 | 416400 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Молҳои электрикӣ, хоҷагидорӣ, сантехникӣ, қисмҳои эҳтиётии трактор, насос, инсектисиди «Нурел-Д» ва қолин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 62 | 17.07.2023 18:55:55 |
| 25 | 416401 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи Ӯроқбой Раззоқов»-и шаҳри Панҷакент | Таъмири биноҳои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.07.2023 18:55:55 |
| 26 | 416402 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Корҳои пардозгарӣ (ороишӣ) дар ҳудуди ноҳияи Шоҳмансур (ороиш бо сурат - баннер) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.07.2023 08:30:00 |
| 27 | 416403 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар ш. Бохтар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.07.2023 08:45:00 |
| 28 | 416404 | Муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб - интернати №1 барои кӯдакони ятим»-и шаҳри Душанбе | Маҳсулоти ширӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 20.07.2023 09:20:00 |
| 29 | 416405 | Маркази стоматологии шаҳри Турсунзода | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 20.07.2023 10:45:59 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ҶСП «ДУШАНБЕ СИТИ БАНК»

**ҲИСОБОТ ОИД БА ДАРОМАДИ УМУМИИ МАҶМӮӢ БАРОИ ДАВРАИ ҲИСОБОТИЕ, КИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА АНҶОМ МЕРАСАД**
**(ҳазор сомонӣ)**

| | Аз ҷумла бонк |
|---|---|
| **Дороиҳо** | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо | 550 626 |
| Воситаҳои дар бонкҳобуда | 82 737 |
| Воситаҳои истифодабариашон маҳдуд | 48 501 |
| Воситаҳои молиявӣ, ки аз рӯи арзиши адолатӣ бо воситаҳои фоида ё зарар баҳогузорӣ мешаванд | -182 |
| Қарзҳои пешниҳодшуда ба мизоҷон | 19 639 |
| Сармоягузорӣ ва коғазҳои қиматнок | 10 025 |
| Воситаҳои асосӣ | 55 044 |
| Маблағгузории асосӣ | 44 878 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 3 219 |
| Ҳисобҳо барои гирифтан | 270 140 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 180 |
| Дороиҳои дигар | 14 781 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | **1 099 590** |
| **Уҳдадориҳо** | |
| Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ | 2 228 |
| Воситаҳои мизоҷон | 562 679 |
| Уҳдадориҳои дигар | 282 298 |
| **Ҷамъи уҳдадориҳо** | **847 205** |
| **Сармоя** | |
| Сармояи оинномавӣ | 81 000 |
| Захираҳои умумӣ | 40 |
| Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | 296 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 171 048 |
| Ҳиссаи ақаллият | |
| **ҶАМЪИ САРМОЯ** | **252 385** |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | **1 099 590** |

**ҲИСОБОТ ОИД БА ДАРОМАДИ УМУМИИ МАҶМӮӢ БАРОИ ДАВРАИ ҲИСОБОТИЕ, КИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА АНҶОМ МЕРАСАД**
**(ҳазор сомонӣ)**

| | Аз ҷумла бонк |
|---|---|
| Даромади фоизӣ | 6278 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | -1300 |
| **Даромади софи фоизӣ то барқарорсозии (ташаккулдиҳии) захираҳо** | **4978** |
| Барқарорсозии (ташаккулдиҳии) захираҳо барои камарзишшавии дороиҳо | -113 |
| **Даромади софи фоизӣ** | **4865** |
| Даромадҳо аз хизматрасонӣ | 78 071 |
| Хароҷотҳои хизматрасонӣ | -36 791 |
| Фоида/зарар аз амалиёти асъори хориҷӣ | 206 071 |
| Барқарорсозии (ташаккулдиҳии) захираҳо барои камарзишшавии дигар дороиҳо | -1 615 |
| Дороиҳои дигар (соф) | 1 538 |
| **Даромади софи ғайрифоизӣ** | **247 273** |
| Хароҷоти амалиётӣ | -66 005 |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | **186 134** |
| Андоз аз фоида | -37 175 |
| **Фоидаи софи сол** | **148 959** |
| Дигар даромади умумӣ | - |
| Ҳамагӣ даромади умумӣ | 148 959 |

Аз номи Роҳбарияти Бонк
Раиси Раёсат

Бобоев Аюбҷон
Сармуҳосиб

# РАВЗАНАИ БОНКИИ ИСЛОМИИ ФОНДИ ҚАРЗИИ «ИМОН»

**ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022**
(бо сомонӣ)

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 9 | 7,636,456 | 10,283,377 |
| Қарздории дебиторӣ маблағгузории исломӣ | 10 | 11,555,894 | 3,942,327 |
| Даромади ҳисобшуда барои гирифтан | 11 | 32,356 | - |
| Воситаҳои асосӣ | 12 | 58,637 | 61,946 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 13 | 176,566 | - |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **19,459,909** | **14,287,650** |
| **САРМОЯ ВА УҲДАДОРИҲО** | | | |
| **Уҳдадориҳо** | | | |
| Дигар уҳдадориҳо | 14 | 109,165 | 27,026 |
| **ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО** | | **109,165** | **27,026** |
| **Сармоя** | | | |
| Маблағгузорӣ аз Саридора | 15 | 20,066,169 | 15,063,157 |
| Зарари ҷамъшуда | | (715,425) | (802,533) |
| ***Ҳамагӣ сармоя*** | | ***19,350,744*** | ***14,260,625*** |
| **ҲАМАГӢ САРМОЯ ВА УҲДАДОРИҲО** | | **19,459,909** | **14,287,650** |

**Аз номи роҳбарият:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

3 апрели соли 2023

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

3 апрели соли 2023

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Равзанаи бонкии исломӣ

Эзоҳоти дар саҳ. 11-33 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-6 оварда шудааст.

**ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДАРОМАДИ ДИГАРИ МУШТАРАК БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ**
(бо сомонӣ)

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромад аз маблағгузории исломӣ | 4 | 1,289,546 | 271,080 |
| ***Даромади соф аз маблағгузории исломӣ*** | | ***1,289,546*** | ***271,080*** |
| Ташаккули захира барои талафотҳои эҳтимолии қарзии дигар дороиҳо | 5 | 14,512 | (123,163) |
| Даромад/хароҷоти соф аз ҳисоби амалиёт дар асъори хориҷӣ | 6 | (327,202) | (14,978) |
| Дигар даромадҳо | | 134 | - |
| ***Даромади софи амалиётӣ*** | | ***(312,556)*** | ***(138,141)*** |
| Хароҷотҳои амалиетӣ | 7 | (866,671) | (758,480) |
| ***Фоида то андоз*** | | ***110,319*** | ***(625,541)*** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 8 | (20,200) | - |
| ***Фоидаи соф*** | | ***90,119*** | ***(625,541)*** |
| Маҷмӯи даромади ғайр | | - | - |
| **Ҳамаги маҷмӯи фоида/зарар** | | **90,119** | **(625,541)** |

**Аз номи роҳбарият:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

3 апрели соли 2023

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

3 апрели соли 2023

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Равзанаи бонкии исломӣ

Эзоҳоти дар саҳ. 11-33 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-6 оварда шудааст.

USAID FROM THE AMERICAN PEOPLE · IFRC · ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН · unicef for every child

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) барои иштирок дар озмуни тендерии харид аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи 3 лот, ки аз тарафи шарики рушд, аз рӯи лоиҳаи «Бунёди тавонмандсозӣ, сохтори инфрасохторӣ» (маблағгузор: Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар) ва лоиҳаи «Тақвияти иқтидори маҳаллӣ ва миллӣ ҷиҳати омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар кишварҳои аз заминларза ва офатҳои табиӣ осебпазири Осиёи Марказӣ», аз ҷониби Бюрои кумакҳои башардӯстонаи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ маблағгузорӣ мешавад (USAID\BHA) даъват менамояд.

Аз рӯи барномаи «Тақвияти иқтидори маҳаллӣ ва миллӣ ҷиҳати омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар кишварҳои аз заминларза ва офатҳои табиӣ осебпазири Осиёи Марказӣ», аз ҷониби Бюрои кумакҳои башардӯстонаи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ маблағгузорӣ мешавад (USAID\BHA):

**Лоти 1:** Таъмиру тармими Маркази идоракунию иттилоотии изтирорӣ (шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Рашт);

**Лоти 2:** Татбиқи лоиҳаҳои хурди митигатсионӣ (ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, Роштқалъа, Рашт, Тоҷикобод ва Лахш);

**Лоти 3:** Боркашонӣ (аз анбори марказӣ то филиалҳои ҶҲАТ дар ВМКБ ва водии Рашт).

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон ва дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо: *то **17 июли соли 2023, соати 09.00** бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.*

Садои мардум
Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Муассис:
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет
дар КВД КТН «Шарқи озод»
чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 30 июни соли 2023, соати 18:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34505 нусха*

Навбатдорони шумора
Ш. Атобуллоев ва М. Ҳисорӣ

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97